# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» оид ба диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии № ________________________

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 12.09.2026, протоколи №57 барои сазовор донистани Мирзораҳимзода Мирзоали Ҳусейнбой, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ**

Диссертатсияи Мирзораҳимзода Мирзоали Ҳусейнбой дар мавзуи «Методикаи истифодабарии масъалаҳои ғайристандартӣ дар баланд бардоштани дониши математикии донишҷӯёни курсҳои поёнии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» аз рӯйи ихтисоси 5.3.10. Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табий-риёзӣ) (5.3.10.1. Назария ва технологияи таълими математика) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-048-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (воқеъ дар суроғаи 735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.03.2026, таҳти №85/шд) 4-уми июли соли 2026 суратмаҷлиси №2 ба ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Мирзораҳимзода Мирзоали Ҳусейнбой 1-уми апрели соли 1987 дар ноҳияи Бохтар (ҳозира Кушониён) таваллуд шудааст. Соли 2009 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси математика хатм кардааст.

Мирзораҳимзода Мирзоали Ҳусейнбой аз соли 2022 унвонҷӯи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав буда, айни ҳол дар вазифаи ассистенти кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ: Сатторов Абдурасул Эшбекович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**Муқарризони расмӣ: Абдукаримов Маҳмадсалим Файзуллоевич** - доктори илмҳои физикю математика, дотсент, мудири кафедраи математикаи ҳисоббарорӣ ва механикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва **Махкамов Мамадҷон** – номзади илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба диссертатсияи Мирзораҳимзода М.Ҳ. бо имзои раиси ҷаласа д.и.п., дотсент, декани факултети физика, математика ва информатика Самаридинова З.Н., ташхисгар, н.и.п., дотсент, мудири кафедраи математика ва методикаи таълими он Ниёзов Ҷ.М. ва котиби ҷаласа, н.и.ф-м. Шарипова С.Р. омода гардида, бо имзои ректори донишгоҳ д.и.п., профессор Сафарзода М.В. аз 14-уми августи соли 2026 тасдиқ шудааст. Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст. Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Мирзораҳимзода Мирзоали Ҳусейнбой дар мавзуи «Методикаи истифодабарии масъалаҳои ғайристандартӣ дар баланд бардоштани дониши математикии донишҷӯёни курсҳои поёнии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз руи ихтисоси 5.3.10. – Назария ва технологияи таҳсилоти касбӣ (фанҳои табиӣ-риёзӣ) (5.3.10.1. Назария ва технологияи таълими математика) сазовор мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ 21 адад интишороти илмӣ нашр намудааст, ки ҳамаи он оид ба мавзуи диссертатсия мебошанд. Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 мақола ба нашр расонидааст.

1. Сатторов А.Э. **Мирзораҳимов М.Ҳ.** Нақши мсъалаҳои мантиқии аз параметр вобаста ҳангоми баланд бардоштани тафаккури математикии хонандагон [Матн] / А.Э. Сатторов, **М.Ҳ. Мирзораҳимов** // Паёми донишгоҳи миллии тоҷикистон. – 2024. - №3. – С. 283-290. - ISSN 2074-1847

2. **Мирзораҳимов М.Ҳ.** «Татбиқи ҳосила дар ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ аз математикаи элементарӣ» дар маҷалаи «Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. - 2024. - №1. – С. 102-106. - ISSN 2663-5534

3. **Мирзораҳимов М.Ҳ.** «Нақши муодилаҳои ғайристандартӣ дар баланд бардоштани дониши математикии донишҷӯён» (Паёми донишгоҳи миллии тоҷикистон. – 2024. - №6. - С. 232-242. - ISSN 2074-1847.

4. Сатторов.А,Э., **Мирзораҳимов М.Ҳ.** Нақши машқҳои мантиқӣ дар рушди дониши математикии хонандагон [Матн] / А.Э. Сатторов, **М.Ҳ. Мирзораҳимов** // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав. - 2022. - №1/3(101). – С. 144-147. - ISSN 2663-5534.

5. **Мирзораҳимов М.Ҳ.** Нақши ифодаҳои математикии ғайристандартӣ дар баланд бардоштани дониши математикии донишҷӯён [Матн] / **М.Ҳ. Мирзораҳимов** // Паёми ДДБ ба номи Носири Хусрав Бохтар. - 2024. - №1-4(128). – С. 356-362. - ISSN: 2663-5534)

Ба унвонии шурои диссертатсионии 6D.КОА-048 тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати Мирзораҳимзода Мирзоали Ҳусейнбой ворид шудаанд:

1. Азимова Н.С. – д.и.п., и.в. профессор, мудири кафедраи математика ва информатикаи МД «Донишкадаи байналмиллалии Хуҷанд»-и МД «Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон». Тақриз мусбат аст.

2. Мирзозода Р.Р. – д.и.п., мудири кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

3. Саидзода И.М. – д.и.ф-м., дотсент, декани факултети механикаю математикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

4. Хоҷаев А.М. – н.и.п., и.в. дотсенти кафедраи математикаи олӣ ва фанҳои табиатшиносии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295), интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи педагогика буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд:

– мавриди санҷиш қарор додани таъсири мазмуни маводи таълимии математика бо истифода аз масъалаҳои ғайристандартӣ, ки ба баланд бардоштани сифати таълим ва афзун намудани шавқи донишҷӯён ба омӯзиши математика равона гардидааст.

– коркард ва бо натиҷаҳои мусбат тасдиқ намудани таҷрибаҳои амалӣ оид ба истифодаи масъалаҳои ғайристандартӣ дар ҷараёни таълими фанни математика.

– таҳлил ва муайян намудани самаранокии натиҷаҳои фаъолияти донишҷӯён дар раванди татбиқи масъалаҳои ғайристандартӣ аз математика ҳангоми омӯзиши фан.

– таҳия ва пешниҳод намудани дастурамали умумии методикаи таълими ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти таълимии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии омӯзгорӣ.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар ҷанбаҳои зерин зоҳир мегардад:

– таҳлил ва синтези масъалаҳои ғайристандартӣ аз нуқтаи назари истифодаи далелноки онҳо ва ташкили фанни математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии омӯзгорӣ;

– муайян кардани моҳияти методии истифодаи маводҳои масъалаҳои ғайристандартӣ ва ҷудо намудани муҳиммияти онҳо аз нуқтаи назари методологияи омӯзиши математика;

– муайянсозию асоснокунии шартҳои педагогӣ ҷиҳати дар системаи методии таълими математика истифодаи маводҳои масъалаҳои ғайристандартӣ дошта.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар нуктаҳои зерин таъмин гардидаанд:

– истифодаи усулҳои методологӣ ва назариявӣ;

– истифодаи маҷмуи усулҳои ба ҳам алоқаманди таҳқиқоти илмӣ, ки ба мақсаду вазифаҳои гузошташуда ҷавобгӯянд;

– мувофиқати натиҷаҳои назариявӣ, басанда будани сарчашмаҳои истифодашуда;

– мустанадии усулҳои озмоишии истифода шуда ва маълумотҳои дар рафти таҳқиқоти озмоишӣ ҳосилшуда;

– такя ба таҳқиқоти бунёдӣ дар педагогика, психология, методикаи таълими математика;

– гузаронидани озмоиши педагогӣ бо ёрии усулҳои маълуми математикӣ-оморӣ ва коркарди натиҷаҳои он.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии довталаб аз таҳлили амиқи адабиётҳои илмӣ-методӣ, таҳқиқ ва тавзеҳи маълумотҳои истифодашуда ва ба низомдарории онҳо, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо баёни натиҷаҳои ноилшуда; коркарди методологии масъалаҳои ғайристандартӣ; равандҳои омӯзиши масъалаҳои ғайристандартӣ; таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот; омӯзиш, таҳлил ва арзёбии роҳу усул ва шароити педагогии таълими фанни математика барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилотӣ олии омӯзгорӣ ҳамчун масъалаи педагогӣ дар адабиёти илмӣ, педагогӣ ва равоншиносӣ; сохторбандии стандартҳои барномаҳои таълимӣ ва озмоиши педагогӣ, дар коркарди нишондодҳои методӣ оид ба масъалаҳои ғайристандартӣ иборат аст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ аз санаи 12- уми сентябри соли 2026 оид ба сазовор донистани Мирзораҳимзода Мирзоали Ҳусейнбой бо дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар доктрони илм - мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 15 нафар иштирокдоштагон дар ҷаласа, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор - 15 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Муовини раиси**
**шурои диссертатсионӣ** **Нугмонов М.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ** **Раҳматуллоҳзода Ш.Р.**

«_12_»___09___ 2026
ҷ.м.